**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2014**

**УДК: 8 тадж. + 4 тадж.+2**

**МАРОФИЕВА С. Х.** [1]

# БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ АШЪОРИ МИРЗОАБДУЛЛОҲИ ФАЙЁЗ

Дар мақолаи мазкур муаллиф таҳқиқоти хешро ба ашъори Мирзоабдуллоҳи Файёз равона намуда, ба ин васила вижагиҳои ашъори ӯро дар қасида, ғазал, маснавӣ, рубоӣ, мухаммас, фард, моддаи таърих, муаммо дарёб намудааст, ки ҳунари волои шоирро дар маънисозии ҷолиб инъикос менамояд.

Инчунин, муаллиф зимни пажӯҳишот амиқ намудааст, ки вижагии ғазалиёти шоир бештар дар номгузории онҳо ва дар истифодаи фаровони санъати талмеҳ ба назар мерасанд.

Дар мақола равшанфикриву ҷасоратмандии шоир возеҳ нишон дода шудааст, зеро ҳаргуна носозгориҳои замони худро бидуни тарсу ваҳм дар қолаби шеър рехта, назари худро оид ба вазъи адабӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа баён намудааст.

Муаллиф бо андешаҳои ҷолиби илмӣ зикр менамояд, ки назар афкандан ба мушаххассоти ашъори Мирзоабдуллоҳи Файёз барои равшан намудани баъзе аз масъалаҳои муҳими адабӣ дар нимаи дувуми асри Х1Х ва ибтидои садаи ХХ дар шаҳри Хуҷанд нақши муҳим дорад.

**Калидвожаҳо**: Адабиёт, Файёз, вижагиҳои адабӣ, жанрҳои адабӣ, шеър, шоир, публитсистика.

Омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии осор ва афкори мунавварфикрони мактаби ҷадидия барои илми адабиётшиносии тоҷик аз муҳимтарин мавзӯъҳо маҳсуб мешавад, ки дар ин росто аҳли таҳқиқ пажӯҳишоти назаррасе ба анҷом расонидаанд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз нуктаҳои норавшан ва масоили муҳими адабӣ, зиндагинома ва осори аҳли адаби ин давра ба таҳқиқи густурда ва доманадоре ниёз дорад. Зеро, дар ин марҳилаи таърихан муҳим як зумра ашхоси равшанфикре зуҳур ёфтаанд, ки бо осор ва пайкори илмиву адабии худ дар густариши афкори адабӣ ва иҷтимоиву сиёсии мардуми тоҷик нақши муҳим гузоштаанд.

Мирзоабдуллоҳи Файёз аз ҳамин гуна ашхос буда, ки бо осори илмиву адабӣ ва публитсистии худ дар инкишофи адабиёт ва рӯзноманигории тоҷик саҳми намоёне гузоштааст. Дар ин маврид устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ёдрас месозад, ки: «Ҳоҷӣ Абдуллоҳ ватани аслиаш Хуҷанд аст. Ӯ пири ҷаҳондидаи пурдон ва машҳур ба» Ҳоҷи Абдуллоҳи соат», ки то охири умр бо пешаи соатсозӣ шуғл дошт…[2].

Перомуни рӯзгор ва осори мавсуф як силсила мақолоти илмиву оммавӣ аз ҷониби Р. Ҳошим [5], А. Н. Болдирев [4], Х. Абдуллоев [1], Э. Шодиев [7], С. Аминзода [5], С. Марофиев [3] ва дигар намояндагони илму адаб ба нашр расидаанд, ки дар шинохт ва омӯзиши корномаи адабиву публитсистии ӯ заминаи мусоиде фароҳам месозанд.

Мусалламан ба мушоҳида гирифтани вежагиҳои ашъор ва афкори равшанфикрони тоҷик дар асрҳои XIX–XX барои муайян намудани муҳимтарин

[1] **Адрес для корреспонденции: Марофиева Сабоҳат Холиқовна** - соискатель ТГУХ им Б. Гафурова ГУПБП Республики Таджикистан 735700, Республики Таджикистан г. Худжанд 17 микр. Дом 1. раб. тел: (83422) 2-30-23, мобилӣ: (92) 794-35-76.

нукоти адабӣ ва публитсистии ин давра аҳамияти хосе дорад. Ҳадафи ин мақола пеш аз ҳама назар афкандан ба мушаххассоти ашъори Мирзоабдуллоҳи Файёз мебошад, ки барои равшан намудани баъзе аз масоили муҳими адабӣ дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои садаи XX дар шаҳри Хуҷанд хеле муҳим мебошад. Мирзоабдуллоҳи Файёз соли 1847 дар маҳаллаи Миряъқуби девонбегии шаҳри Хуҷанд дар оилаи Мулло Исмат, ки пешаи нонвойӣ дошт, ба дунё омадааст. Роҷеъ ба айёми наврасӣ ва фаъолияти адабӣ, сафарҳо ҳунармандиву фаъолияти минбаъдаи мавсуф дар мақолоту гузоришҳоямон изҳори назар кардаем [3].

Аз ин, рӯ дар ин навишта лозим мешуморем, ки вежагиҳои ашъори шоирро аз назар гузаронем.

Ашъори шоир фарогири анвои мухталифи шеър ҳамчун қасида, ғазал, маснавӣ, рубоӣ, мухаммас, фард, муаммо ва ғайра буда, бо равонӣ ва маънисозиҳои ҷолиб ҳунари шоирии Файёзро мунъакис месозанд. Ба назар мерасад, ки шоир дар ифодаи андешаву афкори фалсафӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ бештар аз жанри маснавӣ ва ғазал суд ҷустааст. Агар ғазалиёти Файёзро бо назардошти сохтор ва тақозои жанри ғазал ба мушоҳида гирем, аввалин вежагии ғазалиёти шоир дар номгузории онҳо равшан мегардад. Шоир аксари ғазалҳояшро ба унвонҳои «Хитоб ба зоҳид», «Дар бораи сулҳ», «Дар амсоли панд», «Мапурс» «Муаммои солшуморӣ» ва ғайра эҷод кардааст. Дигар аз мушаххассоти ашъори шоир дар он зоҳир мешавад, ки ӯ андешаҳояшро перомуни муҳимтарин мавзӯъҳои замон ва воқеаҳои даврони худ мушаххасан ба назм даровардa, матлабашро бо забони содаву возеҳ ифода менамояд. Чунончи дар ғазале аз ноӯҳдабароии шоҳзодаи ҷавон изҳори назар намуда, ҳам ӯ ва ҳам замонаашро мазаммат менамояд, ки дар аҳди ӯ бозори шеър касод шудааст маънавиёт паст рафтааст. Дар ғазали дигар аз Фирдавсӣ ва носипосии Маҳмуди Ғазнавӣ лаб мекушояд ва таъкид медорад, ки эътибору эҳтироми аҳли адаб аз фазлу дониши шоҳон вобаста буда, эшонро шоҳи одил ва бомаърифат дар марҳилаи гуногуни таърихӣ сарбаланд карда метавонад. Ба андешаи шоир Маҳмуди Ғазнавӣ агар ваъдахилофӣ намекард шояд дар хотираи таърих ҳамчун шоҳи бофазлу қардшинос тазаккур меёфт. Дар мисраҳои зерин матлаби шоир чунин баён гардидаанд:

. . . На хазоин монду не султону не Фирдавсияш,
Оқилӣ, бо чашми ибрат соз бо инҳо назар [3, 28]

Маснавӣ низ дар ашъори Файёз ҷойгоҳи назаррас дорад. Мутолиаи маснавиёти шоир барои равшан намудани чанд нукта аҳамиятноканд. Нахуст он аст, ки шоир дар эҷоди ин навъи шеърӣ бештар чун Фирдавсӣ ва Низомӣ шоирони бузургро пайравӣ карда, дар натиҷа маснавиҳои хубе эҷод кардааст. Дувум, маснавиёти мавсуф ҳарчанд дар вазн ва сабку салиқа дар пайравии шуарои мазкур эҷод гардида бошанд ҳам, аз назари забон ва тарзи шеваи баён нисбат ба маснавиёти эшон тафовути ҷиддӣ доранд. Тафовути маснавиҳои шоир дар интихоби мавзӯъ, баёни андеша, тарзи нигориш, салиқаи ифода ва чандин махсусияти дигар ба назар мерасанд. Дар маснавиёти шоир мавзӯъҳои ҷадид акс андохта, аксари қаҳрамонҳояш ашхоси воқеӣ, шахсиятҳои шӯҳратманди илму адаб ва сиёсат мебошанд мисоили публитсистии замон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ашъори Файёз аз назари сабк ва тарзи нигоришу ифода бештар дар пайравии шоирони бузурги форс-тоҷик- Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ ва Ҳофиз суруда шудаанд, ки ихлосу иродати сарояндаро нисбат ба ин шахсиятҳои бузурги олами шеъру шоирӣ ифода менамояд. Чунончи, аксари маснавиҳоро бо сабку салиқае эҷод намудааст, ки аз дар онҳо тарзи сухани Фирдавсӣ ва ситоиши ӯ ба мушоҳида мерасанд. Чунончӣ:

Зи «Шоҳнома» он кас, ки дорад хабар,
Бубинад дар он ҷо ҳазорон ҳунар.
Арӯсест, рӯпанҷаи офтоб,
Набардошт аз оразаш кас ниқоб.
Зи мулки Аҷам то диёри Фаранг,
Ҳама гашта бо маънии он гаранг. . . [3, 129].

Илова бар ин, қиссаи ба хоб дидани шоир Фирдавсиро хеле ҷолиб буда, маҳсули тафаккури шоирии муаллиф мебошад. Ин маснавӣ бо вазн ва сабку услуби «Шоҳнома» таълиф гардида, шоир аз забони Фирдавсӣ андешаҳои фалсафии худро баён медорад. Интихоби чунин равиш аз ҷониби шоир эҷодкорона буда, тасбит менамояд, ки ӯ дар ифодаи афкори иҷтимоӣ, фалсафӣ ва адабии худ на танҳо қолаби шеъри суннатиро огоҳона интихоб менамояд, балки дар шеваю салиқаи ибрози андеша низ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир кардааст. Дар мавриди иртиботи рӯҳӣ ва фикрии Файёз бо Фирдавсӣ метавон илова кард, ки Файёз Фирдавсиро ҳамеша бузург муаррифӣ медорад, ашъори ин шоири беназирро чун сабақи эҷодӣ пайваста мутолиа намудааст. Ин аст ки талмеҳоти ашъори шоир аксари вақт аз қиссаҳои марғуби «Шоҳнома» сарчашма гирифтаанд.

Эътиқоду иродати шоир ба Низомӣ низ зиёд буда, дар пайравии ӯ ашъоре сурудааст, шоир инчунин таъкид медорад, ки эъҷози суханро маҳз аз Низомӣ пазируфтааст. Чунончӣ :

На аз ман ин ҳама мӯъҷазкаломӣ,
Магар лутфест аз руҳи Низомӣ [3, 197].

Ихлосу иродати шоир ба Шайх Саъдӣ низ баланд, буда тазмини мисраи Саъдӣ далели ин нуқта аст:

Рабуд гӯйи балоғат ба асри худ Файёз,
«Чу дар замони Атобак Саъдии Шероз [3, 39].

Ашъори Файёз рангу бӯи ғазалҳои Хоҷа Ҳофизро низ дорост. Зеро мавсуф ба шахсият ва шеъру шоирии Хоҷаи бузургвор таваҷҷӯҳи хос дошта, ба якчанд ғазалҳои ӯ мухаммас бастааст. Чунончӣ:

Шабе ба бандаи худ рӯҳи Хоҷа шуд ёраш,
Зи рӯи лутф ба Файёзи хастаи зораш,
Бидод яқ қадаҳи пур чу ҳусни гуфтораш,
Ба ҳеч давр нахоҳанд ёфт ҳушёраш,
Чунон, ки Ҳофизи мо масти бодаи азал аст [3, 17].

Истиқболи Файёз аз ашъори Хоҷа Ҳофиз барои дилнишин ва латофати ғазалиёти шоир пурасар будааст. Агар вазн ва сабку равиши нигориши ғазалиёти мавсуфро бо қиёс бо ғазалҳои ҷовидонаи Хоҷа Ҳофиз мавриди боздид қарор диҳем, равшан мегардад, ки Файёз аз ашъори Хоҷа бардоштҳои судманде доштааст.

Дигар аз вежагиҳои шеъри Файёз истифодаи фаровони санъати талмеҳ аст. Санъати талмеҳ дар ашъори шоир ҷойгоҳи намоён дорад. Шоир бо истифода аз ин санъат илова ба ёдоварии ҳодиса ва воқеоти таърихӣ, андешаи фалсафӣ ва иҷтимоии худро низ баён медорад. Чунончӣ :

Он ваъда, ки Маҳмуд ба Фирдавсӣ кард,
Мондаст ҳамин номи бад аз вай ба» надод» [3, 27].

ё

Пилтан гуфто ба Руинтан, ки сулҳ аз ҷанг беҳ,
Ту чӣ донӣ ин ду тан, охир кадом афтад ба хок [3, 56].

Шоир тавассути ин санъат аз ҳодиса ва воқеоти таърихӣ, ки як ҷузъи фарҳанг ва таърихи ин ё он миллатро дар бар мегирад, ёдовар мешавад. Ҳамчунин аз рӯзгори шахсиятҳои таърихиву афсонавӣ ва воқеӣ ёд мекунад. Ба назора гирифтани санъати талмеҳ дар ашъори Файёз барои равшании чанд нуқта аҳамияти махсус дорад.

Якум, таваҷҷӯҳи шоирро нисбат ба ҳодисот ва ашхоси таърихӣ муайян менамояд. Яъне равшан мегардад, ки шоир бештар ба кадом ҳодисот ва шахсияти таърихӣ алоқамандӣ зоҳир кардааст.

Дувум, андешаву афкор ва ҷаҳонбиниву дониши шоирро нишон медиҳад. Зеро мисол задани шоир аз корномаи шахсиятҳои таърихӣ ва воқеоти афсонавӣ фаровонии донишу маърифати ӯро таъкид менамояд.

Савум, таъсирпазирии шоирро аз воқеоти замон ва ашхоси таърихӣ тазаккур медиҳад. Маълум менамояд, ки шоир дар тасдиқи андешаи худ зери таъсири кадом ҳодиса ва ё корномаи шахсияти таърихӣ ва афсонавӣ мондааст.

Чаҳорум, сабку услуб ва ҳунару истеъдоди суханварии шоирро ифода менамояд. Салиқаи талмеҳсозии шоир равшан мегардад, ки дар таъйин намудани ҷойгоҳи ҳунарии ӯ муҳим мебошад.

Панҷум, пайгирии ин мавзӯъ барои огоҳӣ пайдо намудан аз муҳимтарин ва гоҳо ҷолибтарин воқеот ва ҳаводиси замони мозӣ ва муосир заминаи мусоид фароҳам месозад.

Махсуссоти дигари шеъри шоир истифодаи вожаҳои забонҳои ғайр чун русӣ, арабӣ ва ӯзбекӣ мебошад. Шеърҳои ӯзбекӣ ва истифодаи вожа ва таъбироти русиву арабӣ дар эҷодиёти шоир кам нестанд. Аз мутолиаи ин ашъор бармеояд, ки Файёз якчанд забонро балад будааст. Корбасти забони ғайр аз ҷониби шоир ба санъати адабии» ширу шакар» сабаб гаридааст. Чунончӣ:

Зи кори хом кас суде надорад,
Чу ҳалво хом бошад иллат орад.
Тамоми илмдан ол баҳра вофир,
Ӯзингни сақла, аммо бӯлма шоир.

Дар ин маврид зикри ин нуқта муҳим аст, ки шоир ҳангоми эҷоди баъзе аз ашъори худ дар як маснавӣ ва ё анвои дигари шеърӣ аз ду ё се забон истифода менамояд. Чунончӣ: маснавии «Исмоил Ғасфаринскийнинг (Гаспринский) мадҳи ва инсоннинг умри иззат тамсилӣ»-ро бо ду забон (тоҷикӣ-ӯзбекӣ) эҷод намудааст.

Аз мутолиаи ашъори шоир равшан мегардад, ки ӯ равобити адабӣ ба аксари шуарои маъруфи замон доштааст, ин равобит ба эҷоди баъзе аз ашъори мазмунан муҳим сабаб гардидааст. Чунончи дар байте мефармояд:

Арзам ба Асирӣ, ки зи ҳамдардон аст,
Аз қадр надонистани номардон аст [3, 196].

Яъне, хусусияти дигари ашъори шоир шеърҳои ба шуаро навишта ва ё дар тавсифи ин ё он ҳамзамони худ эҷодкардаи худ мебошад. Шеърҳое амсоли «Дар сифати ҳоҷӣ Мирзобарот-табиби самарқандӣ», «Қорӣ Муҳаммад Салим», «Дар ҳаққи шоирони замон», «Дар бораи шоири Самарқандӣ мударрис Саидаҳмадхоҷаи Васлӣ» ва ғайра далели ин гуфтаҳост.

Аз мутолиаи маснавиёти шоир маълум гардид, ки инъикоси муҳимтарин масъалаҳои сиёсӣ, адабӣ, иҷтимоӣ ва дигар соҳоти мухталиф дар қолаби ин навъи шеърӣ рехта шудааст. Маснавие дар бораи беморији сифлис эҷод кардааст, вай бо ин асар қолаби суннатии маснавиро на танҳо барои ба ҷилва овардани ҳунари шоирӣ ва тасвири мавзӯъҳои ишқиву романтикӣ ба кор гирифтааст, балки шеърро барои ифодаи андешаҳои муҳим ва муфиди замонавӣ мавриди истифода қарор додааст. Дар маснавиёти мазкур рӯйдод ва ҳаводиси таърихии як марҳилаи таърихи шаҳри Хуҷанд дар охири асри XIX ва аввали асри XX мунъакис шудааст. Дигар аз мушаххассоти маснавиёти шоир он аст, ки дар онҳо назар ба мавзӯъҳои ишқиву романтикӣ бештар мавзӯоти иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ашъори Файёз бештар дар бораи вазъи иҷтимоии зиндагии худи шоир суруда шудааст, ки барои шинохти аҳвол ва рӯзгори ӯ арзиши арзанда дорад.

Сабку шеваи Файёз чунонки дар боло зикр гардид, содаву равон ва мӯҷазу орӣ аз ҳар гуна печидагӯиву мубҳамӣ мебошад. Шоир матолиби муҳими фалсафӣ ва ҳаводису воқеоти рӯзгорро бо алфози мафҳум ва бо латофат зикр мекунад. Аз баъзе маснавиҳои шоир маълум мешавад, ки ӯ тарзи гуфтори Фазлии Намангониро пазируфта оид ба асари арзишманди ӯ «Маҷмӯат-уш-шуаро» низ изҳори назар намудааст. Чунончӣ:

… Дурри носуфтае, ки Фазлӣ суфт,
Чор байте ба шаъни Хотиф гуфт… [3, 18].

Аз андешаҳои шоир маълум мешавад, ки ӯ дар шеъру шоирӣ аз саодати шогирдии Ҳотифии Хуҷандӣ ва Муҳаммадаминхоҷаи Манзур бархурдор гашта, эшонро аз беҳтарин шуарои замон донистааст. Дар дафтари ашъори худ намунаи

ашъори Муҳаммадаминхоҷаро оварда, дар васфи Ҳотиф низ абёти фаровоне гуфтааст. Чунончӣ :

Суҳбати ӯ чу суҳбати ҷон буд,
Нусхааш маҷлиси Умархон буд.
Ғазали ӯ ба» Маҷмӯат-уш-шуароcт»,
На варо ҷои баҳс чун марвост,
Пояи фазлу васфи девонаш,
Бишнав аз Фазлии Намангонаш [3, 67; 6].

Аз сабку шеваи гуфтори шоир маълум мешавад, ки ӯ ашъорашро дар сабки ироқӣ суруда, гоҳ-гоҳ дар сабки ҳиндӣ низ табъозмоӣ кардааст.

Истеъдоди шоир дар ҳаҷв низ зуҳур кардааст. Файёз аз равшанфикроне ҷасоратманд буда, ҳар гуна носозгориҳои замони худро бидуни тарсу тардид дар қолаби шеър рехта, назари худро оид ба вазъи адабӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа баён намудааст. Ҳаҷви Файёз бо латофат ва намакин буда, аз фасоҳату лутфи сухан низ саршоранд. Шоир дар як ҳаҷвия аз вазъи рӯзгори моддии худ ёдрас шуда, бо истифодаи ду калима- мошу биринҷ дар абёти зер латофати суханро намоиш медиҳад:

Тифлонам аз гуруснагӣ ҳар шаб ба вақти ош,
Мошу биринҷ гуфта ришамро кунанд талош.
Риши маро зи панҷаи онҳо халос деҳ,
Яъне карам намой ту камтар биринҷу мош [3, 70].

Калимаҳои «мош» ва «биринҷ» дар маънои аслӣ ифодакунандаи номи маҳсулот бошанд, дар масали тоҷикӣ ифодакунандаи ранги риш ҳам ҳастанд. Ба мошу биринҷ ташбеҳ намудани риш як навъ, нишонаи ба пирӣ расидани шахс мебошад. Шоир бо истифода аз ин ду калима аз вазъи маишии худ забони шиква мекушояд. Аз матлаби шоир метавон фаҳмид, ки сатҳи моддии хонаводаи ӯ он қадар ҳам хуб набудааст. Дар шеъри дигар таъкиди ин матлаб бештар ба назар мерасад. Чунончӣ :

Он ҷафоҳое, ки дидам ман зи дасти рӯзгор,
Нест мумкин дар қалам орам якеро аз ҳазор.
Нурро аз чашми кӯрон чора набвад ҷуз фирор,
Оқибат маҷбур гаштам, то кунам тарки диёр.

Дар абёти мазкур вазъи ҳаёти шоир равшан тасвир гардидааст. Аз шеърҳои шиквоии шоир маълум мешавад, ки вазъи зиндагӣ ва замони ӯ аз чанд ҷиҳат носозгор буда, аз ҳамин сабаб шоир маҷбур гаштааст, ки тарки диёр намояд. Омӯзиши чунин ашъори шоир гувоҳӣ медиҳад, ки вазъи ҳаёти иҷтимоии мардуми Хуҷанд дар охири асри XIX ва аввали асри XX он қадар хуб набудааст. Аз ҳамин сабаб барои муайян намудани вазъияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ва мадании Хуҷанд дар асрҳои мазкур ашъори шоир аҳамияти калон доранд. Зеро муҳимтарин рӯйдод ва воқеоти замон, ки марбут ба зисту зиндагонии халқ аст, ба таври васеъ дар ашъори Файёз мунъакис гардидаанд, ки дар омӯзиши як марҳилаи таърихии ин минтақа низ аҳамияти хосеро соҳиб мебошанд.

Ашъори узбекӣ як қисми муайяни эҷодиёти Файёзро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, хусусияти дигари ашъори Файёз бо забони ӯзбекӣ суруда шудани аксари шеърҳои ӯ мебошад. Ашъори ӯзбекии шоир фарогири муҳимтарин мавзӯоти замон буда, андешаҳои шоирро оид ба масоили адабӣ, иҷтимоиву сиёсӣ дарбар мегирад. Аз ҷиҳати дигар омӯзиши эҷодиёти ӯзбекии шоир барои мардуми ӯзбекзабони водии Фарғона муҳим ба назар мерасад.

Дигар аз вежагиҳои муҳими ашъори Файёз дар он ба назар мерасад, ки ӯ ҳамчун равшанфикри замони худ ба мавзӯоти муҳими публитсистӣ низ изҳори назар намуда, оид ба вазъи адабӣ ва матбуоти замони худ матолиби муҳимеро ба риштаи назм кашидааст. Аз мутолиаи ашъори публитсистии шоир маълум мегардад, ки ӯ ҳамеша ҷонибдори ҷаҳонбинии васеи ҷомеа будааст. Дар яке аз шеърҳои худ дар робита ба ин матлаб таъкид менамояд, ки мардуми шарқ аз ҷиҳати фарогирии дониш дар замони ӯ қафо мондаанд, аммо ақвоми ғарб, дар ин самт пешсаф шудаанд. Ин гуна

андешаи шоир аз он далолат медиҳад, ки мавсуф нисбат ба густариши афкору андеша ва донишу маърифати ҷомеа бетараф нест:

Машриқиҳоро мотам, мағрибиҳоро сурур,
Машриқиҳоро меҳнат, мағрибиҳоро ҳузур.

Аз мутолиаи ашъори Файёз метавон ба чунин бардоштҳо расид

Файёз аз беҳтарин шоирони нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX буда, бо ашъори худ соҳиби обрӯ ва эътибор будааст.

Робитаи шоир ба беҳтарин шуаро ифодагари он аст, ки мавсуф завқу салиқаи хосе дар шеъру шоирӣ дошта, огоҳона иртибот барқарор намудааст.

Файёз дар сароиши шеър бештар сабки ироқиро мавриди истифода қарор додааст. Ва гоҳ-гоҳ ба сабки ҳиндӣ низ майл доштааст, ки ин нуқта аз баъзе ашъори ӯ равшан мегардад.

Истиқболи Файёз аз ашъор ва шахсияти беҳтарин шуарои классикӣ чун Фирдавсӣ, Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Фазлӣ ва чанд нафари дигар бештар ба назар мерасад.

Мавзӯъҳои ашъори Файёз бештар замонавӣ буда, муҳимтарин масоили иҷтимоӣ ва фарҳангии даврони худро дар бар гирифтаанд. Дар ашъори Файёз бештар оҳанги шикоятӣ ба мушоҳида мерасад.

Анвои шеърӣ дар ашъори Файёз низ огоҳона ва ҳунармандона истифода гардидаанд. Дар эҷодиёти ӯ аксари жанрҳои адабӣ ба монанди ғазал, қасида, мухаммас, мусаддас, рубоӣ, фард, маснавӣ ва ғайра ривоҷ ёфтаанд. Аммо таваҷҷӯҳи шоир бештар ба ғазал, маснавӣ ва қасида будааст.

Саноеи адабӣ дар ашъори шоир низ ба таври густарда ва ҳунармандона ба чашм мехӯранд. Аммо истифодаи санъати талмеҳ дар ашъори шоир ҷойгоҳи назаррас дорад.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳқиқу баррасии мероси адабии Мирзоабдуллоҳи Файёз аз ҳар ҷиҳат муҳим буда, дар равшан намудани нукоти норавшани шеъру шоирӣ ва публитсистикаи тоҷик аҳамияту арзиши хосеро дорост.

**Адабиёт:**

1. Хайрулло Абдуллоев. Мирзо Абдуллои Файёз (отам ҳақида қайдлар). Ӯзбек тили ва адабиёти № 1; Тошкент-1971, саҳ. 78-82.

2. Айнӣ, Саддриддин. Намунаи адабиёти тоҷик. Аз хати форсӣ таҳия ва тасҳеҳи Мубашшири Акбарзод.- Душанбе, Адиб, 2010.- 438 с.

3. Ашъори шоири ҳунарманд Мирзоабдуллои Файёз. Мураттибон Саид Марофиев ва Собоҳат Марофиева. Хуҷанд.-Хуросон-2008, саҳ. 204

4. Болдырев А. Н. Маснави таджикского Файёза. Труды: Таджикистанской базы АН СССР.- Ҷилди IX, 1938, саҳ. 54.

5. Файёзи Хуҷандӣ (мунтахаби ашъор). Бо кӯшиши Хайрулло Абдуллоев ва Сафохон Аминзода. Душанбе; Ирфон-1984.

6. Намангонӣ, Фазлӣ . Маҷмӯат-уш-шуаро.- Тошканд, 1900.-504с

7. Шодиев Э. Традиция двуязычная в творчестве Ходжентских поэтов XIX века.- Автореферат дис. на соискание ученой степени док. фил. наук.- Тошкент, 1973.- 94 с.

**МАРОФИЕВА С. Х.**

## НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ТВОРЧЕСТВА МИРЗОАБДУЛЛОХА ФАЙЁЗИ ХУДЖАНДИ

Целью работы является разносторонний анализ личности и поэтического наследия малоизученного таджикского поэта XIX века Файёза Худжанди. В статье на основе анализа лирических произведений поэта выявлено своеобразие его поэтической манеры. Особенности поэтических приемов и литературное мастерство поэта раскрыты на материале его стихов, созданных в разнообразных жанрах: касыда, газель, маснави, рубаи, мухаммас, фард-бейт (двустишие), историческая хронограмма и т. д.

Исследование стихов Файёза даёт представление о литературной среде и взаимодействии различных представителей литературных кругов Худжанда второй половины XIX начала XX вв.
**Ключевые слова:** литература, Файёз, литературные особенности, литературные жанры, стихотворение, поэт, публицистика.

**MAROFIEVA S. KH.**

## SOME PECULIARITIES OF MIRZOABDULLOH FAYOZI KHUJANDI'S CREATIVITY

The article dwells on comprehensive analysis of personality and poetic heritage of poorly known Tajik poet of XIX centure Fayozi Khujandi. In this article the peculiarities of his poetic manners are identified on the basis of poet's lyrical works analysis. Features of poetic devices and literary skills of poet are disclosed on the material of his poems created in a variety of genres: qasida, ghasal, masnavi, rubai, muhammas, fard-beit, historical chronogram and etc.

Study of Fayoz' poems gives an idea of literary process and interaction of various representatives of literary clubs of late XIX th and early XX th centures.

**Key words:** literature, Fayoz, literary peculiarities, literary genres, poem, poet, journalism.